## *ТАҚРИЗ*

***ба автореферати диссертатсияи Исмоилова Дилором Ҳақбердиевна дар мавзуи «Ҳабиб Аҳрорӣ ва ташаккули мактаби тарҷума дар адабиёти муосири тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ. – Душанбе, 2023.***

Ҳабиб Аҳрорӣ аз ҷумлаи нависандагон, мутарҷимон, луғатнигорон ва чеҳраҳои адабии шинохтаи адабиёти давраи нави тоҷик шинохта шуда, пеш аз ҳама, фаъолияти тарҷумонӣ ва афкори тарҷумашиносии ӯ қобили таваҷҷуҳ аст. Мутаассифона, то имрӯз фаъолияти тарҷумонии адиб, афкори тарҷумашиносӣ, ҳунари нависандагӣ ва саҳми Ҳабиб Аҳрорӣ дар луғатшиносию луғатнигории тоҷик мавриди таҳқиқ қарор нагирифта буд. Воқеан, баррасии осори тарҷумавӣ, руҷуъ ба фаъолияти нависандагӣ ва осори тарҷумавию афкори тарҷумашиносии Ҳабиб Аҳрорӣ дар таъйини вежагиҳои ташаккул ва роҳҳои таҳаввули тарҷумаи бадеии тоҷик ва назарияи он кори муҳим ва арзишманд буда, аз ин дидгоҳ кори таҳқиқии Исмоилова Дилором Ҳақбердиевна дар мавзуи «Ҳабиб Аҳрорӣ ва ташаккули мактаби тарҷума дар адабиёти муосири тоҷик» аҳаммияти назарӣ ва амалии зиёд дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ барҳақ қайд кардааст: «Дар хазинаи адабиёти тоҷик накдинаи зиёде аз тарҷумаҳои арзишманд вуҷуд дорад, ки ҳанӯз арзиши адабӣ ва ҳунарии онҳо муайян нагардидаанд. Санадҳо гувоҳи онанд, ки фаъолияти тарҷумонҳои касбӣ низ то ҷое, ки лозим аст, таҳқиқ ва арзёбӣ нашудааст» (автореферати диссертатсия, с. 3).

Аз муҳтавои ва матолиби дар автореферат баёнгардида маълум мешавад, ки диссертатсияи Дилором Исмоилова аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқ, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, вобаста ба фарогирии мавзуъ дар навбати худ ҳар боб ба фаслҳо ҷудо карда шудааст. Дар ҳар кадоме аз бахшҳои автореферати диссертатсия шеваи хуби таҳқиқ, саҳеҳ нишон додани маъхазҳо, муҳокимаю баҳси пурсуди илмӣ ва натиҷагириҳои ҷолиби диққат ба назар мерасанд.

Диссертант дар назди худ мақсаду вазифаҳои мушаххас гузошта, нуктаҳои асосиеро ба ҳимоя пешниҳод намудааст, ки дар илми адабиётшиносии тоҷик ва дар самти шинохту таҳқиқи осору хидматҳои Ҳабиб Аҳрорӣ аз аҳаммият холӣ нестанд.

Боби якуми диссертатсия «Ҷараёни зиндагӣ ва эҷодиёти Ҳабиб Аҳрорӣ» унвон дошта, дар он дар такя ба манобеъ ва сарчашмаҳои тарҷумаҳолию энсиклопедӣ зиндагинома ва фаолияти гуногунпаҳлуи адиб ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Бобҳои дуюм ва сеюми диссертатсия бобҳои асосӣ буда, дар онҳо мавзуъ ва масъалаҳои меҳварӣ – саҳми Ҳабиб Аҳрорӣ дар ташаккули назарияи тарҷумаи бадеӣ, мухтассоти мундариҷавию сохторӣ ва бадеии осори нависанда, таҷрибаи мутарҷим дар интихоб ва тарҷумаи осори бадеӣ ва хусусиятҳои сабкию бадеии осори тарҷумавии ӯ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтаанд.

Диссертант ба хотири амиқ ва ҳамаҷониба дарк гардидани муҳтавои ин ё он масъалаи матраҳшаванда ҳар фаслро бо муқаддима оғоз намуда, дар охир онро бо хулосаи хеле муъҷази илмӣ ҷамъбаст намудааст.

Аз муҳтавои автореферати диссертатсия бармеояд, ки муаллиф бо сабки хуби илмӣ ошноӣ дошта, ба он вазифаҳое, ки дар назди худ гузоштааст, комёб гардидааст. Хусусан, доир ба равиши интихоб ва осори тарҷумавии Ҳабиб Аҳрорӣ, аз қабили «Моҷарои Иван Иванович ва Иван Никифорович», «Ҷисмҳои беҷон», «Шинел»-и В. Гогол, «Ҷанг ва сулҳ»-и Л.Н. Толстой, «Гвардияи ҷавон»-и А. Фадеев, «Қисмати одам»-и М. Шолохов, «Рӯ ба рӯ», «Чашми шутур» ва «Муаллими нахустин»-и Ч. Айтматов, «Корвон сӯйи офтоб меравад»-и А. Олимҷонов, ҳикояҳои Алфред де Мюссе, Виктор Гюго «Гаврош», Ги де Мопасан «Дуэл», «Дарбадар», Оноре де Балзак «Полковник Шабер», Волтер «Кандид», Стендал «Ванино Ванини», Б. Полевой «Охирин рӯзи Матвей Кузмин», ҳикояҳои И. Тургенев, А. Толстой, М. Горкий, А. Чехов, повестҳои Ф. Достоевский, Ғ. Ғулом, ҳикояҳои И. Шамякин, А. Баужа, А. Потюс, драмаҳои Н.В. Гогол «Муфаттиш», М. Карим «Шаби гирифтани моҳ» ва ғайра таваҷҷуҳ намудани диссертант аз доираи васеи мутолиа ва таҳқиқи ӯ гувоҳӣ медиҳанд. Илова бар ин, фаъолияти нависандагӣ, илмӣ-таҳқиқӣ ва луғатшиносии Ҳабиб Аҳрорӣ низ аз доираи таҳқиқи диссертант берун намонда, андешаҳои муаллиф дар мавриди маҷмуаи ҳикояҳои «Тӯйхӯрии мӯйсафедон» ва мақолаҳои адиб оид ба назария ва амалияи тарҷумаи бадеӣ қобили таваҷҷуҳ мебошад.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиб, ки чанде аз ин нукот баён гардиданд, дар автореферати диссертатсия баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки бо нияти пешрафти корҳои таҳқиқии минбаъдаи муаллиф, чанде аз онҳоро зикр менамоем:

1. Ба андешаи мо, дар боби сеюм баррасии мавзуъ ва масъалаҳо бояд дар асоси методи муқоисавӣ-таърихӣ сурат мегирифт ва дар ин замина бо нияти ҳар чи бештар нишон додани ҳунари тарҷумонии Ҳабиб Аҳрорӣ осори тарҷумавии ӯ бо тарҷумаҳои дигар қиёс ва татбиқ мегардид. Дар ин сурат арзиши адабӣ ва ҳунарии осори тарҷумавии Ҳабиб Аҳрорӣ ва нақши ӯ дар рушду такомули тарҷумаи бадеӣ бештар ошкор мешуд.

2. Дар саҳифаҳои гуногуни автореферати диссертатсия ҷо-ҷое ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо боиси афзудани ҳусну зиннати ин кори пажӯҳишӣ мегардад.

3. Дар диссертатсия ва автореферат калима ва истилоҳоти «мубрам», «осори насрӣ» ва «услуб» мавриди корбурд қарор гирифта, ба назари мо, ба ҷойи ин онҳо истифодаи мафҳумҳои «аҳаммият», «осори мансур» ва «сабк» беҳтар аст.

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифта, ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи номзадии Исмоилова Дилором Ҳақбердиевна дар мавзуи «Ҳабиб Аҳрорӣ ва ташаккули мактаби тарҷума дар адабиёти муосири тоҷик» ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ мебошад.

Номзади илмҳои филологӣ, саромӯзгори
кафедраи адабиёти тоҷики МДТ
«Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» Маҳмадалиева М.Р.
21.02.2024.

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар,
кӯч. Дӯстии халқҳо, 44/14.
Тел.: (+992) 000992027.
E-mail: muhabbat-mr@mail.ru

Имзои Маҳмадалиева Муҳаббат Раҳмоновнаро
тасдиқ менамоям:
сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ«Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» Шукурзод Ҷ.А.
21.02.2024.

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар, кӯч. Айнӣ, 67.
Тел.: (+992 3222) 2-45-20; (+992 3222) 2-22-53.
E-mail: ktsu78@mail.ru